**Суратҷаласаи №8**
**маҷлиси васеи кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ аз таърихи 20. 04. 2022**

**Иштирок доштанд**: мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ дотсент Наврузшоев Б.Х, профессор Мамадназаров А., Мухторов З.М., дотсент Шодиев Р.А., Абдулфайзов С., Мусоямов З.М., Камолов Х., Абдулҳадов Ҷ., муаллимони калон Собирова У., Назирова Ҳ. ассистентон Диёров Ш., Маликова У., Ҳакимова С., Қурбонов Ю., Маҳмудзода М., Камолӣ Н. ва Сатторов Х.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Муҳокимаи диссертатсияи номзадии муаллими калони кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ Шайдуллои Ҳоҷӣ зери унвони «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар маҷлиси кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо.

Муҳокимаи диссертатсияи номзадиро мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ дотсент Наврузшоев Б.Х. ифтитоҳ намуда, рӯзномаи ҷаласаро ба ҳозирин эълон намуд. Мавсуф изҳор дошт, ки давраи таҳқиқии унвонҷӯ дар кафедра ба поён расида ва қарор аст, ки имрӯз диссертатсияи ӯ мавриди баррасиву муҳокима қарор гирад. Диссертатсия ҳудуди як моҳ пеш барои хондан ва пешниҳоди назарҳо пешниҳод гардида буд.

Диссертатсияи унвонҷӯ ба таҳлили забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ иртибот дорад ва дар чаҳорчӯби кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ бори аввал аст, ки таҳқиқе дар ин замина сурат мегирад. Қабл аз он ки назари устодон шунида шавад, лозим медонем худи муҳаққиқ оид ба кораш маълумоти мухтасар диҳад. Сипас, сухан ба Шайдуллои Ҳоҷӣ дода шуд. Диссертант муҳимтарин нуктаҳои диссертатсияро баён намуд.

Бино ба таъкиди муаллифи диссертатсия як соҳаи муҳимми забоншиносии тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) мебошад, ки бо вуҷуди аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва таърихии худ то ҳол онҳо дар забоншиносии тоҷик ба сурати пурра гирдоварӣ нашуда, мавриди таҳқиқи забоншиносӣ қарор нагирифтаанд. Омӯзиши ин маводи арзишманди забонӣ ва фарҳангӣ дар шароити истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари аҳамияти сиёсӣ аҳамияти бузурги илмӣ барои омӯхтани алоқаҳои таърихии забони тоҷикӣ ва англисӣ аз нуқтаи назари илми типологӣ дорад. Ин мавод ҳанӯз ба тарзи мукаммал ва бо ҷалби сарчашмаҳои мухталиф ва ба вижа сарчашмаҳои интернетӣ

мавриди таҳқиқ ва пажуҳиш қарор нагирифта, нақши онҳо дар омӯзиши забоншиносии муқоисавии тоҷик муайян нашудааст. Дар ҳоле диққати хоса ба масъалаи омӯзиш ва истифодаи интернет дар тамоми шохаҳои илм дода мешавад.

Ҷаҳонишавӣ падидаи маълумотпазирии ҷамъият, вусъатёбии истилоҳоти интернет, чи дар доираи мутахассисон ва чи дар байни мардуми одӣ заруратеро ба миён меорад, ки тамоми истилоҳоти навин бо тамоми хусусиятҳои маъноӣ ва сохторӣ дар забонҳо ба таври амиқ омӯхта шаванд. Муҳиммияти омӯзиши истилоҳоти компютерӣ имкон фароҳам овард, ки истилоҳоти интернетӣ, ки яке аз шохаҳои истилоҳоти компютерӣ ба шумор меравад, ба таври саҳеҳ мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Ба ҳамагон равшан аст, ки таҳқиқи истилоҳоти компютерӣ, махсусан истилоҳоти интернетӣ шавқи забоншиносони муосирро дар бобати масъалаҳои истилоҳот рӯз аз рӯз меафзояд. Дар шароити кунунӣ, баъди соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин зарурат пеш омадааст, таҳқиқ ва омӯзиши мавзӯъҳои рузмара ба монанди таҳқиқи истилоҳоти интерней дар муқоиса таҳлил ва баррасӣ карда шаванд.

Баъди шарҳи муҳтавои диссертатсия бахши саволу ҷавоб оғоз гардид.

Дар ин бахш профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ - Мамадназаров А., доир ба корҳои аз ҷониби муҳаққиқ анҷомёфта изҳори назар намуда, пурсид, ки сарчашмаҳои асосии таҳқиқи Шумо аз куҷо аст? Муҳаққиқ чунин ҷавоб дод:

"Ба ҳайси мавод барои таҳқиқ луғатҳои тафсирии забони англисӣ ва тоҷикӣ, луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ, луғатномаҳои истилоҳоти интернетӣ, ки аз сомонаҳои Интернет гирифта шудаанд, луғатҳои тафсирии истилоҳоти интернетӣ ва интишорот дар маҷаллаҳои гуногун, дар форумҳо ва чатҳо, ҳамчунин аз дигар маводи шабакаҳои интернетӣ дастрас карда шудаанд. Дар мавридҳои ҷудогона муодилҳои тоҷикии сленгҳои англисӣ ва русиро ба забони тоҷикӣ аз рӯи суҳбат ва муоширату маслиҳати мутахассисони соҳа ва ҳамчунин муҳаққиқони самти тарҷума ва тарҷумашиносӣ оварда таҳлилу баррасӣ намудем".

Сипас устодони дигар низ саволҳои худро пешниҳод намуданд.

- Савол. Камолов Х.: Метавонед ихтисораҳои рақамӣ ки Шумо дар дисертатсия истифода кардед шарҳ диҳед?
- Ҷавоб: Ихтисораҳои рақамии истилоҳоти интернетӣ имрӯз дар муошират байни ҷавонон зиёд истифода мешаванд. Аз ин рӯ омӯзиш ва таҳқиқи онҳо зарур аст. Масалан ихтисораи рақамии 143 маънояш "I love you" мебошад, ки ин чунин шарҳ дорад: калима аз чанд ҳарф иборат бошад ҳамон рақам гузошта мешавад мисол, I- як ҳарф, love-чор ҳарф ва you-се ҳарф.
- Савол. Мусоямов З.: Чаро қисми зиёди истилоҳоти интернетӣ дар шакли ихтисора истифода мешаванд?
- Ҷавоб: Имрӯзҳо метавон бешубҳа тасдиқ кард, ки дар миёни усулҳои калимасозӣ усули ихтисоркунии калимаҳо пурмаҳсултарин усул дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ба шумор меравад. Умуман, омӯзиши

ихтисораҳо ҳамчун усули калимасозӣ ва мавқеи онҳо дар истилоҳшиносӣ, пеш аз ҳама муносибати системавиро талаб менамояд, ки дар он воҳидҳои луғавии забон дар алоқамандӣ бо дигар элементҳои системаи забонӣ аз лиҳози зарурияти амалӣ дар раванди коммуникатсия ва хусусиятҳои асосии онҳо дар забони илм баррасӣ мешаванд. Дар замони муосир тамоюли ташаккули калимаҳои нав бо роҳи кӯтоҳ кардани калима ва ибораҳои мавҷуда зиёд афзудааст. Афзоиши теъдоди зиёди ихтисораҳоро метавон бо он баён кард, ки калима ва ибораҳои мураккаб чун қоида калонҳаҷм ва ноқулай мебошанд ва табиист, ки кӯшиши кӯтоҳтар пешниҳод кардани онҳо ба миён меоянд.

Баъди анҷом ёфтани қисмати саволу ҷавоб муҳокимаи диссертатсия оғоз гардид. Диссертатсия аз ҷониби профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ Мамадназаров А., дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ Камолов Х., дотсентон Абдулфайзов С., Абдулҳадов Ҷ., Наврузшоев Б., Мусоямов З., ва Исмоилзода Э. хонда шуда, ҳар яке дар навбати худ фикру андешаҳои хешро дар робита ба диссертатсияи номзадии Шайдуллои Ҳоҷӣ иброз доштанд.

Профессор Мамадназаров А. таъкид намуд, ки дар диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки таъсири мусбат ба рушди забоншиносии муқоисавӣ хосатан ба ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ расонида метавонад. Таҳқиқи мазкур дар баробари он ки таркиби луғавии забони тоҷикиро ғанӣ мегардонад, ҳамчунин, заминаи мусоидро барои истифодабарандагони шабакаи интернетӣ муҳайё карда метавонад. Дигар бартарии диссертатсия дар он аст, ки ҳар як боб хулосаи худро дорад, ки ин дар бисёр диссертатсияҳо дида намешавад.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе камбудию ғалатҳо ба назар расиданд:

1. Гоҳо такрори фикру андеша ва мисолҳои зикршуда ба чашм мехӯранд, ки таҷдиди назари онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

2. Дар рисола ҷо-ҷо қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломати китобати он риоя нагардидааст, ки ба талаботи муқарраротн он қоида мутобиқ кардани маводи диссертатсия ҳатмист.

3. Дар диссертатсия ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ низ баъзан ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои комил гардидани ҳусни диссертатсия муҳим арзёбӣ мегардад.

Хулоса, кори диссертатсионӣ шоистаи дастгирӣ буда, ислоҳоти ҷузъӣ мехоҳад.

Дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ Камолов Х. арзиши диссертатсияро мусбӣ арзёбӣ намуда, қайд карданд, ки муваффақияти кор ҳаст ва ҳамчунин андешаҳои худро дар мавриди камбудиҳои диссертатсияи изҳор дошт:

1. Дар саҳифаи 215 ибораи деҳкадашавии ҷаҳон оварда шудааст агар иқтибос бошад ишора кардан даркор, ки аз куҷо аст ва ё агар тарҷумаи худатон бошад дар қавс шарҳ дода шавад.

2. Дар саҳифаи 15-16 чанд сатр такрор оварда шудааст.

3. Дар чанд маврид рақами адабиёти дар иқтибос ишорашуда ба руйхати адабиёт мувофиқат намекунад.

4. Дар саҳифаҳои 52, 78, 115 саҳифаи адабиёти иқтибосшуда дақиқ ишора нашудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи мазкур кори анҷомёфта буда, бо ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ба дифоъ пешниҳод карда шавад.

Дотсент Абдулфайзов Саиднуруддин низ зикр намуд, ки диссертатсияи номзадии Шайдуллои Ҳ. кори анҷомёфта буда, дар ҳаҷми 50 саҳифа замима кардани истилоҳоти интернетӣ барои ғанӣ гардонидани лексикаи забони тоҷикӣ аз аҳамият холӣ нест. Дар кор баъзе нуктаҳо бознигарӣ мехоҳад, ки ислоҳи онҳо бар нафъи кор хоҳад буд:

1. Дар саҳифаҳои 18, 21, 43 баъзе хатогиҳои имлоӣ мавҷуд аст.

2. Дар саҳифаҳои 15, 35, 36, 47 хатогиҳои техникӣ, часпиши калимаҳо мавҷуд аст.

3. Калимаҳои мураккаб дар дохили қавс шарҳ дода шаванд.

Хулоса, кор бо бознигарӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Дотсент Наврузшоев Б.Х. изҳор дошт, ки диссертатсия бо шеваи хуби илмӣ рӯйи кор омада, маводи ғаниеро дар бораи пайдоиши интернет ва истилоҳоти он гирдоварӣ намудааст. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида мерасанд:

1. Руйхати адабиёт бо тартиби хронологӣ ба тартиб даровarда шавад.

2. Дисертатсия як маротиба аз ҷиҳати услуби таҳлил карда шавад.

Дотсент Мусоямов З. андешаҳои хешро баён карда, ишора кард, ки диссертатсияи мазкур сазовори дастгирӣ мебошад. Дар баробари ин диссертатсия аз камбудиву нуқсон холӣ нест, аз ҷумла:

1. Муаллиф дар шарҳи баъзе истилоҳоти интернетӣ бо овардани таҳлили сохторӣ маҳдуд шуда, маънои луғавиро сарфи назар кардааст.

Хулоса, бо назардошти баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба дифоъ пешбарӣ гардад.

Баъди натиҷагирӣ аз қисмати муҳокимаи диссертатсияи номзадии Шайдуллои Ҳ. ва бо назардошти фикру андешаҳои баёнгардида қарори ҷаласа ба тасвиб расид.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи номзадии муаллими калони кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ Шайдуллои Ҳоҷӣ зери унвони «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ кори илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи номзадии Шайдуллои Ҳоҷӣ зери унвони «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) барои пешбарӣ ба марҳилаҳои минбаъдаи дифоъ ба Шурои дифоъ пешниҳод карда шавад.

3. Котиботи кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ қарори ҷаласаи кафедра ва дигар ҳуҷҷатҳои заруриро омода ва ба Шурои дифоъ дастрас намояд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 17 нафар:

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 17 нафар, "зид"-нест, "бетараф"-нест.

Мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ Наврузшоев Баҳриддин Хушҳолович
тел: 000090403
почтаи эл: bakhakhush@mail.ru

Котиби илмӣ Диёров Шоҳи Ҷаҳон Абдусамеҳович

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: **(+992-37) 221-77-11** Факс: **(+992-37) 221-48-84**
E-mail:**info@tnu.tjint.re@gmail.com** http://www.tnu.tj

Имзои: Б.Х. Наврузшоев ва Диёров Ш.А.-ро
«Тасдиқ мекунам»
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавкиев Э. Ш.